**Тақриз**

ба автореферати диссертатсяи **Сафаров Фируз Холназарович** дар мавзӯи **«Трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ»**, барои дифоъ дар шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-039, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 02.03.11 - паразитология пешниҳод шудааст

**Мубрамии мавзуъ:** Дар маҷмӯи тадбирҳои зидди бемориҳои гиҷҷавӣ марҳилаи муҳимтарин ва дастрас гиҷҷаронӣ мебошад, ки самаранокии он комилан ба сифати истифодаи маводи зиддигиҷҷавии истифодашаванда вобаста аст. Дар навбати худ, сари вақт ва дуруст гузаронидани гиҷҷаронӣ паҳншавии тухми гиҷҷаҳоро ба муҳити беруна пешгирӣ ё қатъ намуда, паҳншавии минбаъдаи сироятёбиро дар рамаҳои гӯсфандон қатъ менамояд. Тадбирҳои дар асоси нақша пешбинишуда, бе назардошти экологияи ҳар як муфтхӯр ташкил карда мешаванд, самараи табобатии дилхоҳ намедиҳанд, зеро қонуниятҳои динамикаи баъзе бемориҳои гиҷҷавӣ суст омӯхта шудаанд. Татбиқи тадбирҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемориҳои гиҷҷавӣ танҳо дар сурати донистани хусусиятҳои минтақавии биология, эпизоотология, ташхис ва интихоби дурусти маводи зиддигиҷҷавӣ имконпазир аст. Муаллиф дарк намудааст, ки омӯзиши паҳлуҳои гуногуни мавзӯъ имкон медиҳад, ки бар зидди трематодаҳои чорвои калон ва хурди шохдор дуруст мубориза намоем. Ҳамин тавр рисолаи Ф.Х. Сафаров "Трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ" аҳамияти муҳими илмию амалӣ дошта, мубрам маънидод карда мешавад.

**Навгонии илмӣ.** Бори аввал дар шароити Тоҷикистони фауна ва паҳншавии трематодаҳои чорвои калон ва хурди шохдор пурра омӯхта шуда, дараҷаи сироятёбии чорвои калон ва хурди шохдор аз трематодаҳо вобаста ба синну сол, фасли сол, инчунин исироятёбии гурӯҳӣ ошкор карда шудааст. Зичии нармбаданҳо - соҳибони мобайнии трематодаҳо дар чарогоҳҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ муайян карда шудааст. Бори аввал дар ҷумҳурӣ дар шароити озмоишгоҳӣ биологияи барангезандаи фассиолёз

(*Fasciola hepatica*) омӯхта шудааст. Ҳамчунин самаранокии як қатор маводҳои зиддигиҷҷавӣ дар шароити чорвопарварии чарогоҳӣ муайян ва ба чорводорон тавсия карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Вазъи эпизоотии трематодозҳои чорвои калон ва хурди шохдор дар шароити Тоҷикистон муайян карда шуда, дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда пешниҳодҳои амалӣ ва дастурамали методӣ оид ба «Муолиҷа ва пешгирии гелминтозҳои кавшакунандагон (эпизоотология, ташхис, ва чораҳои мубориза)» таҳия карда шудааст. Инчунин 6 мақолаю фишурдаҳои илмӣ ба табъ расионида шудаанд, ки аз аҳамияти назарявию амалии таҳқиқот гувоҳӣ медиҳанд. Ҳамчунин муаллиф дар якчанд конфронсҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ иштирок намуда, натиҷаҳои асосии рисолаи худро маънидод намудааст.

## ХУЛОСА

Аз ҳамаи гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии **Сафаров Фируз Холназарович** дар мавзуи «**Трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ**» аз ҷиҳати аҳамиятнокӣ, навоварӣ ва аҳамияти натиҷаҳое, ки дар онҳо роҳҳои аслии ҳалли мушкилотҳои илмии фундаменталӣ ва амалии имруза мавҷуданд, ба тамоми талаботи рисолаҳо барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он **Сафаров Фируз Холназарович** сазовори дода шудани дараҷаи зарурӣ аз рӯи ихтисоси 03.02.11 - паразитология мебошад.

Номзади илмҳои биологӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Раҳимзода Ш.Ҳ.

Донишгохи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С. Айнӣ
Сурога: 734003, ш. Душанбе х. Рӯдакӣ, 121.
Тел: +992 (37) 224-13-83 ;
e-mail: info@tgpu.tj;

Имзои Ш.Ҳ.Раҳимзодаро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрхо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ 11.09.2024 Мустафозода А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС